## ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи номзадии Самиева Нисо Шарбатовна дар мавзуи “Поэтикаи ашъори шоири мардумӣ Саид Холзода” барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ. – Душанбе, 2024. – 177 с.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Ҳамбастагии фолклор бо адабиёти хаттӣ таърихи тулонӣ дошта, аз ҳам ҷудо таҳқиқ намудани онҳо аз имкон берун аст. Осори чандинасраи ниёгон, бавижа адабиёти классикӣ аз он далолат мекунад, ки тамоми шоирону нависандагон зимни таълифи асарҳояшон ҳатман ба адабиёти шифоҳӣ такя намудаанд. “Калила ва Димна”-и Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, “Шоҳнома”-и Абдулқосими Фирдавсӣ, “Бӯстон” ва “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ, “Баҳористон”-и Абдураҳмони Ҷомӣ ва боз чандин асарҳои дигарро метавон номбар намуд, ки маҳз дар пайравии матнҳои пурарзиши фолклорӣ таълиф шудаанд. Инчунин асарҳои номбаршуда гувоҳи онанд, ки аз адабиёти шифоҳӣ маншаъ гирифтани осори хаттӣ ҳам дар асарҳои назмӣ ва ҳам наср ҷой доштааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки офарандагони матнҳои фолклорӣ низ дар аввал шахсни алоҳида мебошанд. Аммо ба сабабҳои гуногун, надоштани саводи хаттӣ ва китобат накардани онҳо, ё набудани завқу даъвои эҷодкорӣ бадоҳатан чизе гуфтаанд, ки миёни мардум паҳн гардидаву осори фолклориро ба вуҷуд овардаанд. Дар навбати худ баъзан ҳолатҳое мушоҳида мешаванд, ки ашъори шоирони касбӣ ва ё асарҳои мансури адибон зимни нақлу бозгӯӣ миёни мардум шакли лаҳҷавӣ ва вариантҳои нав пайдо намуда, моли фолклор гаштаанд. Бо ин далел, аз ҳам ҷудо таҳқиқ намудани ин ду шохаи асосии илми филология аз имкон берун ва ғайримантиқист.

Ҳанӯз дар замони Иттиҳоди Шуравӣ, яъне солҳои аввале, ки гирдоварии матнҳои фолклорӣ аз ҷониби муҳаққиқон шуруъ гардида буд, ба як қатор шоироне, ки ашъорашон хусусияти оммавӣ доштанд, унвони шоири мардумӣ дода шуд. Шояд ин ба он хотир будааст, ки он замон аксари мардум, алалхусус чунин шоирон хатту саводи кофӣ надоштанд ва шеърҳояшонро ҳам сабуку сода, дар доираи шеваву лаҳҷаҳо ва зимни корҳои саҳроӣ миёни халқ такрор мекарданд, ки дар қатори дигар асарҳои оммавӣ моли халқ меҳисобиданд.

Гирдоварии ашъори чунин шоирон, аз қабили Бобоюнус Худойдодзода, Ҳикмат Ризо, Карим Девона, Саид Холзода ва чанде дигар, ҳамзамон дарёфти худи онҳо дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ

шуруъ шуда бошад ҳам, оид ба ҳар кадоми онҳо тадқиқоти алоҳидаи илмӣ сурат нагирифта буд. Диссертатсияе, ки феълан мавриди таҳлил қарор дорад, яке аз чунин пажуҳишҳо мебошад, ки оид ба эҷодиёти шоири халқӣ ё ба истилоҳ шоири мардумӣ Саид Холзода бахшида шудааст. Аз ин лиҳоз, диссертатсияи аз ҷониби Самиева Нисо Шарбатовна дар мавзуи “Поэтикаи ашъори шоири мардумӣ Саид Холзода” омодашуда ба самти фолклоршиносӣ **ба шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.09. – Забони тоҷикӣ мутобиқат менамояд**.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Адабиёти гуфторӣ яке аз ҷузъҳои таркибӣ ва боғановати фарҳанги миллии тоҷик буда, сарчашмаи адабиёти хаттӣ ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, таърихи адабиёти гуфтории мо ба зуҳури халқи тоҷик робитаи зич дорад. Хусусан афсонаҳо ва нақлу ривоятҳое, ки аз замони Сосониён сина ба сина гузашта то замони мо расидаанд, чи аз лиҳози мазмуну муҳтаво ва чи аз лиҳози сохтор ва анвои адабӣ таҳаввул ёфта, вориди адабиёти хаттӣ шуда, дар ғанӣ гардидани он мусоидат кардааст. Дар асарҳои даҳанакии халқ ормон, орзую омоли мардум ва ахлоқу суннатҳои миллӣ тараннум шуда, тамоми лаҳзаҳои халқ дар он бозтоб шудааст. Бузургтарин шоирони мо аз қабили устод Рӯдакӣ, Дақиқӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Фахриддини Гургонӣ, Низомии Ганҷавӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Абдараҳмони Ҷомӣ дар асарҳои худ аз адабиёти гуфторӣ илҳом ва таъсир напазируфта бошанд.

Дар ин радиф, дар асрҳои гуногун шоироне зуҳур карданд, ки аз сабаби саводи хонда ва навиштан натвонистани муаллифи он, матни билбадоҳа гуфтаи онҳо аз даҳон ба даҳон гузашта паҳн мешавад. Албатта, ба омӯхтан ва пажуҳиши ашъори чунин шоирон зарурат ба миён меояд, ба мавзуи мавриди гуфтугӯ, ки ба таҳқиқи хусусиятҳои поэтикии ашъори шоири мардуми Саид Холзода бахшида шудааст, кори ҷолиб буда, кори ҷолиб буда, ба ҳимоя пешниҳод кардани он айни муддаост.

**Дараҷаи навовариҳои натиҷаҳои диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навоварии диссертатсия дар он зоҳир мееёбад, ки то ҳанӯз ашъори Саид Холзода дар доираи як рисолаи ҷудогонаи монографӣ таҳқиқ нашудааст. Чунонки муаллифи рисола ишора мекунад, вобаста ба эҷодиёти шоири мардуми мулоҳизоти зиёде аз ҷониби донишмандони фолклоршиноси тоҷик навишта шудааст, ки диссертант аз онҳо огоҳона истифода бурдааст.

Дар натиҷаи ҷустуҷӯҳои пайгирона ба диссертант муассар шудааст, ки баъзе лаҳзаҳои номакшуфи зиндагинома ва осори боқимондаи

шоирро, ки аз ҷониби писараш профессор С. Саидов гирдоварӣ ва нашр шудааст, ба баррасӣ кашида, хусусиятҳои гуфторӣ ва навиштории ашъори ӯро муқаррар ва муайян кардааст.

Аз таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ Самиева Нисо Шарбатовна чунин натиҷа бармеояд, ки ӯ бо истифода аз назарияҳо ва равишҳои илмӣ-таҳқиқии муқоисавӣ-таърихӣ ва типологии илмҳои фолклоршиносии адабиётшиносӣ ба таҳқиқи поэтикаи ашъори шоири мардумӣ Саид Холзода пардохта, рисолаи арзишманди илмиро дар сатҳи матлуб таълиф кардааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссартатсия зикршуда.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ бо он собит мешавад, ки унвонҷӯ ҳангоми таҳқиқи диссертатсия ба асарҳои заминавии фолклошиносони ватаниву хориҷӣ такя намуда, консепсияи илмӣ ва назарии онҳоро сармашқи кори диссертатсионии худ қарор додааст. Умуман, дараҷаи эътимоднокии натиҷаи таҳқиқ аз маълумоти муътамад, мутобиқати ҳаҷми маводи таҳқиқ, омӯзишу баррасии натиҷаҳои таҳқиқ, шумораи интишорот ва дуруст ва бонизом интихоб намудани методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулосаву тавсияҳои кори диссертатсионӣ бо такя ба таҳлилҳои амику самарабахши илмии натиҷаҳои таҳқиқи назариявӣ пешниҳод гардида, дурнамои мавзуи таҳқиқӣ муайян шудааст.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид истифодаи онҳо.** Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки вижагиҳои ҳунарӣ ва адабии ашъори Саид Холзода мавриди таҳқиқ қарор гирифта, ҷанбаҳои шаклию мазмунӣ, анвои адабӣ, сабку забони ашъори ӯ, таъсирпазирии онҳо аз адабиёти хаттӣ ва шифоҳӣ, корбасти суннатҳои адабиёти классикӣ ва фолклори тоҷик аз ҷониби диссертант дуруст муайян ва муқаррар карда шудаанд.

**Қисмати асосии таҳқиқ.** Самиева Нисо Шарбатовна яке аз аввалин муҳаққиқонест, ки оид ба ҳаёт ва эҷодиёти шоири мардумӣ Саид Холзода тадқиқот анҷом додааст. Диссертатсия **“Поэтикаи ашъори шоири мардумӣ Саид Холзода”** унвон дошта, аз феҳристи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи таҳқиқ иборат мебошад.

Дар оғози диссертатсия унвонҷӯ номи донишгоҳе, ки кор дар он ҷо иҷро шудааст, ному насаби худ ва Комиссияи олии аттестатсиониро дар шакли ихтисора дарҷ намудааст. Табиист, ки сохтори муқаддимаи диссертатсия дар асоси талаботи таълифи рисолаҳои илмии Комиссияи

олиии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст. Диссертант дар қисмати муқаддима оид ба мубрамии таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи мавзуъ бо барномаҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, навовариҳои илмии таҳқиқ, арзишҳои амалӣ ва назарии таҳқиқ ва дигар талаботи муқарраргардидаи сохтори муқаддамотӣ сухан ронда, сабабҳои асосии маҳз ба ин мавзуъ рӯ овардани худро баён намудааст. Дар қисмати муқаддима оид ба навовариҳои диссертатсия ба қадри имкон маълумот дода шуда, ҳамзамон ҷанбаҳои назарию амалии он то ҷое дарҷ гардидаанд.

Дар боби аввали диссертатсия, ки унвонҷӯ онро **"Рӯзгор ва осори шоири мардумӣ Саид Холзода"** унвон додааст, дар ду фасл оид ба ҳаёти пурмашаққат ва фаъолияти эҷодии Саид Холзода андешаҳояшро баён намудааст. Дар фасли аввали ҳамин боб, ки "Рӯзгори шоир ва таъсири фолклор ба ӯ" номгузорӣ шудааст, унвонҷӯ ба таълифоти қаблии дар бораи шоир Саид Холзода анҷомёфта, асосан мақолаву интишороти писараш Саидраҳмон Саидов ва ашъори худи шоир такя намуда, оид ба ҳаёти пурмашаққату оворагиҳои Саид Холзода ҳарф мезанад. Дар ин қисмат ва таҳлилҳои диссертант аён мегардад, ки шоир аз хурдӣ бо сабабҳои мушкили зиндагии оилавӣ, дар овони ҷавонӣ ятим мондан аз падару модар, кӯч бастан аз деҳаву ноҳия ба ҷои дигар, бо мардикориву подабонӣ, парасторӣ намудани хоҳару бародарон ӯро водор мекунад, ки дарди дилашро бо қалам ифшо намояд. Яъне сабаби асосии рӯ овардан ба шоирӣ зиндагии пурмашаққати шоир будааст. Инчунин таъсири асосии шоир шуданаш нақлу ривоят ва шеърҳои зиёде будааст, ки модараш дар хурдӣ ба вай пайваста нақл мекардааст.

Дар **фасли дуюми боби аввал** роҷеъ ба осори шоири мардумӣ Саид Холзода ва иртиботи он ба фолклор таҳқиқ додааст. Дар ин бахш тавассути ҷадвали махсус тамоми ашъори шоирро радабандӣ намудааст, ки тибқи иттилои худи муаллиф ин кор бори нахуст ва маҳз аз ҷониби ӯ сурат гирифтааст. Ҳамзамон, дар ин ҷадвал шеърҳои шоир аз рӯйи жанрҳои алоҳида тасниф шуда, дар шакли мухтасар оид ба онҳо маълумот дода шудааст. Ба андешаи муаллиф тамоми ашъори шоир маҳз тавассути таъсири тағйирёбии ҳаёти иҷтимоӣ эҷод шудаанд.

Дар боби дуюм, ки **"Сохтор ва анвои жанрии ашъори шоири мардумӣ Саид Холзода"** унвон дорад, дар чор фасл – "Анвои шеъри суннатӣ дар эҷодиёти шоир", "Мавқеи жанри достон дар эҷодиёти шоир", "Вазни ашъори шоир" ва "Қофия ва радиф дар ашъори шоир" дар бораи вижагиҳои эҷодиёти шоири мардумӣ Саид Холзода таҳлилҳо сурат гирифтаанд.

Дар **фасли аввали ҳамин боб** дар бораи мавқеъ ва ҷойгоҳи якчанд жанри шеърӣ – фардбайт, рубоӣ, суруд, манзума, шеърҳои ҳаҷвӣ, нома ва амсоли онҳо дар такя ба андешаҳои муҳаққиқони адабиёти хаттӣ ва шифоҳӣ баҳсҳои илмӣ анҷом додааст. Тибқи маълумоти муҳаққиқ маҳорати шоири мардумӣ Саид Холзода дар эҷоди шеърҳои ҳаҷвӣ хеле олӣ будааст ва ӯ тавассути шеърҳои ҳаҷвӣ амлокдорону нотавонбинонро зери тозиёнаи танқид кашидааст. Бо овардани мисолҳои фаровон аз ашъори шоир дар ҳар жанр ҳаёти пурмашаққати шоирро ба риштаи таҳлил кашида, инъикоси тағйирёбии вазъи сиёсӣ ва ҳаёти иҷтимоии мардумро тасвир намудааст.

Дар **фасли дуюми боби дуюм** бошад, диссертант бар он назар аст, ки аз ҳама анвои шеърӣ бештар дар эҷодиёти шоир жанри достон мавқеи назаррас дорад. Зеро маҳорати шоирии Саид Холзода дар достонсароӣ беҳамто будааст. Муҳаққиқ мисолҳои зиёдеро аз достонҳои “Ду ҳаёт”, “Таассуроти Маскав”, “Имдоди Ленин”, “Инқилоб”, “Чоҳкан зери чоҳ” ва монанди инҳо оварда, таҳлилу натиҷагирӣ менамояд. Аз таҳқиқи анҷомдодаи диссертант бармеояд, ки маҳз гузаштан ба ҳаёти нави иҷтимоӣ ба шоир таъсир мерасонад, то ӯ бештар андешаҳояшро дар жанри достон васеътар баён намояд.

Дар **фасли сеюми боби дувум** Самиева Нисо оид ба вазни шеърии ашъори Саид Холзода баҳс кардааст. Гарчанде бештари шеърҳои шоир дар вазни ҳиҷошумор эҷод шуда бошанд ҳам, аз анвои шеърии гуногун аён аст, ки истифодаи вазнҳои гуногуни арӯзӣ ҳам дар ашъори вай мавқеъ доштаанд. Табиист, ки шоир саводи кофӣ дар ҷодаи адабиёт надошт. Аммо дар ҳошияи шеърҳои азёд медонистааш дар шаклҳои гуногуни шеъри суннатӣ эҷод намудааст, ки онҳо берун аз қолаби вазни арӯз набуданд. Ҳамин аст, ки диссертант дар доираи тавони худ ашъори зиёди Саид Холзодаро вобаста ба шакли шеъриашон дар баҳрҳои гуногуни вазни арӯз тақтеъ намудааст.

Дар **фасли чоруми ҳамин боб** оид ба қофияву радиф ва мавқеи истифодаи онҳо дар ашъори шоир сухан меравад. Диссертант бар он назар аст, ки шоир анқариб дар тамоми ашъораш маҳорату истеъдоди худодиашро ба кор бурда, қофияву радифҳоро дурусту саривақтӣ ба кор бурдааст. Ҳамин истеъдоди волои ӯ тавонистааст, ки шеърҳояшро мавзун ва равон гардонад. Яъне, тамоми паҳлуҳои қофияву радифҳои шеъри суннатии тоҷикӣ ба ақидаи муаллиф дар ашъори Саид Холзода бомавқеъ корбаст шудаанд. Барои тақвияти андешаҳояш диссертант намунаҳои фаровонро мисол оварда таҳлилу баррасӣ мекунад, ки дар доираи меъёрҳои илмӣ сурат гирифтааст. Ба андешаи ин ҷониб, аз ҳама

бахши мукаммал ва пурқуввати диссертатсия маҳз ҳамин фасли кор мебошад.

Дар **боби сеюми диссертатсия** муҳаққиқ дар бораи сохтор, бадеият, забон ва услуби ашъори шоир сухан меронад. Самиева Нисо ин бобро **“Бадеъияти ашъори шоири мардумӣ Саид Холзода”** унвон дода, онро ба се фасл – “Ҷойгоҳи санъатҳои маънавӣ дар ашъори шоир”; “Корбурди санъатҳои лафзӣ дар ашъори шеъри шоир” ва “Забон ва сабки шоир” ҷудо намудааст. Дар қисмати муқаддимавии боб оид ба санъатҳои маънавию лафзӣ ба таври мухтасар ҳарф зада, баъдан дар фаслҳои алоҳида оид ба корбурди санъатҳои мазкур, аз қабили тавсиф, ташбеҳ , истиора, киноя, мувозӣ (параллелизм), таҷнис, таносуб, талмеҳ, муболиға, муламмаъ, иҳом, тазодд, ирсоли масал, саволу ҷавоб ва амсоли онҳо бо овардани мисолҳои фаровон андешаҳояшро тақвият мебахшад. Баъзан барои муқоиса гуфтаҳои муҳаққиқони дигарро низ иқтибос меорад, ки ҷанбаи илмии корро меафзояд.

Дар **фасли сеюми боби се** дар бораи забон ва услуби ашъори шоир таҳлилҳо сурат гирифтааст. Ба андешаи муҳаққиқ бо сабаби таъсири фолклор ба эҷодиёти ӯ забон ва сабки баёни ашъораш бисёр сода ва оммафаҳм мебошад. Ҳамин ҷиҳати масъала маҳбубияти ашъори шоирро миёни мардум бештар гардонидааст. Инчунин муҳаққиқ бар он назар аст, ки таъсири вазъ ба сабки шоир зиёд буда, истифодаи вожаҳои русӣ ҳам дар ашъори вай хеле зиёд мебошад. Барои исботи андешаҳо ӯ намунаи шеърҳоро мисол меорад, ки он ҷо калимаҳои русӣ, аз қабили лифт, начальник, окоп, шкаф, овчарка, мандат, искамон (скамейка) истифода шудаанд. Мутобиқи андешаи диссертант дар сабки Саид Холзода истифодаи калимаҳои зиёди лаҳҷавӣ ҳам ҷой дорад, ки нишонаи шоири мардумӣ будани ӯро ифода мекунад.

Дар қисмати хулосаи кор Самиева Нисо дар даҳ банд оид ба ҳар як бобу фасли диссертатсия андешаҳояшро ба таври алоҳида натиҷагирӣ менамояд. Хулосаҳои муҳаққиқ дар шинохти шоири мардумӣ Саид Холзода ва ашъори ӯ то андозае комиланд ва метавон гуфт, ки мазмунан ҷамъбасти воқеист.

Дар интиҳо барои истифодаи минбаъдаи таҳқиқоти хеш бо овардани шаш банди алоҳида барои истифодаи минбаъда тавсияҳо пешниҳод кардааст. Ӯ тадқиқоти анҷомдодаашро барои омӯзиши минбаъда ба доираи васеи муҳаққиқони фолклор, адабиёт, забон ва шевашиносӣ муфид арзёбӣ менамояд. Дар охири кор муҳаққиқ адабиёти истифоданамудаашро аз рӯйи тартиби алифбо ва риояи хронология ҷой додааст, ки барои муҳаққиқони минбаъда метавонад дастури хуби библиографӣ бошад.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 7 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Маводи интишоргардидаро нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос менамоянд. Теъдоди маводи чопшудаи унвонҷӯ ба талаботи банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, **мутобиқат** мекунад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Самиева Нисо Шарбатовна ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, **мутобиқат** мекунад.

**Эродҳо ба диссертатсия.**

Дар маҷмуъ, муваффақияту дастовардҳои диссертатсияи Самиева Нисо Шарбатовна дар мавзуи “**Поэтикаи ашъори шоири мардумӣ Саид Холзода**” хеле зиёд аст, ки онро дар ин тақриз ба пуррагӣ шарҳу тавзеҳ додан аз имкон берун аст. Аммо дар ин радиф дар диссертатсия нуқсону камбудиҳои илмӣ низ вуҷуд доранд, ки аз назари муаллиф берун мондаанд. Барои дар тадқиқоти минбаъда бартараф намудани чунин нуқсонҳо ишораи чанде аз онҳоро ба манфиати кор меҳисобем:

1. Барои ихтисораҳо ҷудо намудани фасли алоҳида зарурат вуҷуд надошт. Зеро унвонҷӯ дар ин фасл ҳамагӣ се ихтисора номи муассисае, ки дар он ҷо рисола ба анҷом расидааст, ному насаби худ ва Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро истифода намудааст, ки ба андешаи мо ба ҳар як хонанда ин истилоҳҳо маълум аст.

2. Дар қисмати муқаддима диссертант дар чанд маврид андешаҳои худро инкор мекунад, ки аз мантиқ берун аст. Масалан: *“Нуқтаи муҳим дар зиндагиномаи шоир он аст, ки ӯ ба таври касбӣ ва фарогир ба таҳсили илм машғул нашудааст...” (саҳ.6).* Вале ҷойи дигар менависад, ки: *“Нуқтаи дигари муҳим дар рӯзгори адабию эҷодии Саид Холзода он аст, ки ӯ баъди чанде зиндагӣ дар деҳаи Момоҳавоӣ бо ҳамроҳии ду-се нафар ҷавони илмдӯст ба шаҳри Хуҷанд рафта, дар курсҳои кӯтоҳмуддати маҳви бесаводӣ таҳсил намуда, баъдан як муддат ба касби омӯзгорӣ машғул мешавад, ки ин яке аз омилҳои муҳими ҷиддан ба мутолиа ва эҷод машғул гардидани шоир мешавад” (саҳ. 7).* Ҳамин навъи инкори андеша дар дохили диссертатсия дар чанд маврид такрор меёбад. Агар шоир ба курси кутоҳмуддат фаро гирифта шуда бошад ва чанд муддате пешаи

омӯзгорӣ намуда, ҷиддан ба мутолиа машғул шуда бошад, пас ӯ то андозае саводи кофӣ дошт.

3. Таносуби бобҳо риоя нашудаанд. Масалан боби аввал ҳамагӣ дар 14 саҳифа ва дар ду фасл таълиф шуда, рӯзгор ва осори шоирро дар бар мегирад. Дар сурате, ки танҳо фасли аввали боби дуюм 38 саҳифаро фарогир аст.

4. Дар ду фасли аввали боби дуюм, ки мантиқан мебоист оид ба хусусияти жанрии ашъори шоир сухан равад, диссартант бештар ба таҳлили мавзуи шеърҳо машғул шудааст. Дар ҳама маврид ӯ бо овардани, фардбайт, рубоӣ, шеър, нома, суруд, манзума ва ҳатто достон ҳам хусусияти жанрӣ кам аҳамият дода, аз матни ашъор оид ба таҳлили мазмуни онҳо, аслан таҳлили рӯзгори шоир ҳарф мезанад. Модоме чунин аст, ин ду фаслро "Мазмуну мундариҷаи ғоявии ашъори шоир" унвон медод беҳтар буд.

5. Дар баъзе маврид калимаву ибораҳоро саҳван хато истифода намудааст. Масалан, зимни таҳлили санъатҳои маънавӣ ва **"маҷоз"** ҷое ибораи "шери шумтуқ"-ро истифода менамояд, аммо ҳангоми ишораи мисол аз ашъори шоир "шери тумшуқ" (саҳ. 113) менависад ва маълум нест, ки ӯ иштибоҳ мекунад ё шоир.

Бояд қайд кард, ки камбудиҳои ҷойдошта ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии диссертатсияро кам карда наметавонанд, зеро муаллифи он аз уҳдаи иҷрои мақсаду вазифаҳои дар кори таҳқиқотии худ гузошта сарбаландона баромадааст.

**Қисмати хотимавии диссертатсия.** Диссертатсия аз нигоҳи сохтор, муҳтаво, забон ва равиши таҳқиқ мукаммал мебошад. Сохтор ва муҳтавои автореферат бо диссертатсия мувофиқати комил дошта, он ва мақолаҳои банашррасонидаи муаллиф мазмуну муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос менамоянд.

Диссертатсияи Самиева Нисо Шарбатовна дар мавзуи «Поэтикаи ашъори шоири мардумӣ Саид Холзода» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – Фолклор сазовор мебошад.

Тақризи мазкур бо дарназардошти талаботи бандҳои 71 ва 72-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

**Муқарризи расмӣ:**

**Номзади илмҳои филологӣ,**
**директори Муассисаи давлатии**
**Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии**
**фарҳанг ва иттилооти**
**Вазорати фарҳанги**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Аминов А.Ҳ.**

**Суроға: 734018, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев 17.**
**Тел: +(992) 934-62-63-46, +(992) 907-62-63-46**
**E-mail: raboni_81@mail.ru**

**Имзои Аминов Абдулфатоҳро тасдиқ мекунам:**

**Нозири кадри Пажӯҳишгоҳи**
**илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилоот** **Холиқова М.**

ШӮЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

**Суроға: 734018, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев 17.**
**Тел: +(992) 233-58-84, +(992) 987766491**
**E-mail: vfarhang98@gmail.com**

01. майи 2024